# Маълумот дар бораи муҳоҷират ва раводид барои ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва байнишахсӣ

Донишҷӯён ва олимони байналмилалие, ки дар бораи вазъи муҳоҷиратӣ ва раводиди худ саволҳо доранд, тавсия дода мешаванд, ки ба кӯмаки адвокат оид ба муҳоҷират муроҷиат намоянд. Ин ҳуҷҷат як манбаъ барои тавзеҳ додани баъзе ҷанбаҳои қонун мебошад, вале машварати ҳуқуқиро иваз намекунад.

**Ман як ҷабрдидаи ҳамла мебошам, оё вазъи муҳоҷиратии ман ба қобилияти ман барои дастрасӣ пайдо кардан ба захираҳои кампус таъсир мерасонад?**

Не. Тибқи қонун донишҷӯён ва кормандоне, ки ҷабрдида ё начотёфтаи зӯроварии шаҳвонӣ ва байнишахсӣ мебошанд мувофиқи Унвони IX-и Тағйироти Маориф аз соли 1972 (Унвони IX) ва Санад дар бораи Зӯроварӣ бар зидди Занон (VAWA) сарфи назар аз вазъи муҳоҷиратӣ ва раводид ҳуқуқҳои яхкела доранд.

Маълумот дар бораи захираҳои тиббӣ ва машваратӣ, инчунин утоқҳои дастрас дар суроғаи зерин ёфт мешавад: https://www.tntech.edu/healthservices/

Маълумот дар бораи мурофиаи рафтори донишҷӯ дар суроғаи зерин ёфт мешавад: https://www.tntech.edu/policies/

Аз рӯи хабардиҳӣ дар бораи ягон ҷиноят коллеҷ аз шумо интиқом намегирад ё бо шумо ба таври дигар муносибат намекунад.

**Оё ман ҳамчун як муҳоҷири ҳуҷҷатдор ё беҳуҷҷат аз болои ҷиноятҳо ба суд ариза дода метавонам?**

Ҳа. Маълумот дар бораи мафҳумҳои ҷиноятии ҳамлаи шаҳвонӣ, зӯроварии оилавӣ, зӯроварӣ дар вохӯриҳо ва дунболагирии таҳдидомези штати шумо дар Гузориши Солонаи Амниятӣ ёфт мешавад:

https://www.tntech.edu/police/annual-security-report

Саволҳои мушаххас дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба суроғаи зерин ирсол карда мешавад:

Zeva Edmondson, Title IX Office
1 William L. Jones Dr., Derryberry Hall 256, Cookeville, TN 38505
931-372-3112
https://www.tntech.edu/titleIX
zedmondson@tntech.edu

**Оё ягон вазъи мушаххаси раводид ва муҳоҷират барои ҷабрдидагони ҷиноятҳо вуҷуд дорад?**

Ҳа. Барои ҷабрдидагони ҳамлаи шаҳвонӣ, зӯроварии оилавӣ, зӯроварӣ дар вохӯриҳо ва дунболагирии таҳдидомез дигар вариантҳои раводид вуҷуд доранд, аз ҷумла раводидҳои U ва T. Барои мушаххасот ба ягон адвокат оиди муҳоҷират муроҷиат кунед.

| Раводиди U | Раводиди T |
|---|---|
| Барои ҷабрдидагони таҷовузи ҷисмонӣ ё равонии назаррас, ки дар натиҷаи баъзе фаъолияти ҷиноятӣ, аз ҷумла таҳқири шаҳвонӣ, зӯроварии оилавӣ, таҷовус ба номус, ҳамла ё дигар ҷиноятҳои марбут ба вуҷуд омадааст,<br>- Ҷабрдида/довталаб бояд ҷабрдидаи фаъолияти ҷиноятии мувофиқ ва эҳтимолан барои тафтишот ва/ё таъқиби ҳамон фаъолияти ҷиноятӣ муфид бошад<br>- Умуман, барои чор сол эътибор дорад<br>- Барои маълумоти бештар ба адвокат оид ба муҳоҷират муроҷиат кунед ва бинед: | Барои ҷабрдидагони қочоқи одам<br>- Бояд ба дархостҳои асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ҳамкорӣ дар тафтишот ё таъқиби амал/амалҳои қочоқ мувофиқат намояд (агар бо сабаби зарбаи ҷисмонӣ ё руҳӣ ғайриқобили ҳамкорӣ кардан набошад) ва бояд исбот карда тавонад, ки агар ҷабрдида/довталаб аз ИМА хориҷ карда шавад, пас бо мушкилии ҷиддӣ дучор мешавад<br>- Умуман, барои чор сол эътибор дорад<br>- Барои маълумоти бештар ба адвокат оид ба муҳоҷират муроҷиат кунед ва бинед: |
| http://www.uscis.gov/humanitarian/victims-human-trafficking-other-crimes/victims-criminal-activity-u-nonimmigrant-status/victims-criminal-activity-u-nonimmigrant-status | http://www.uscis.gov/humanitarian/victims-human-trafficking-other-crimes/victims-human-trafficking-t-nonimmigrant-status |

**Оё дар кампус ягон идораи вуҷуд дорад, ки ба ман маълумоти бештар пешниҳод намояд?**

,
, ,

The State University of New York

Идораи Хизматрасонии Донишҷӯён ва Олимони Байналмилалӣ дар робита бо вазъи муҳоҷират маълумоти муфид пешниҳод карда метавонад. Таваҷҷуҳ кунед, ки бо саволҳои вобаста ба тағйирот ба дигар вазъҳои раводид ё вариантҳои ҳуқуқие, ки ба раводиди стандартии F-1 ва J-1 барои донишҷӯён ё раводиди меҳнатии аз ҷониби корфармо сарпарастишуда дохил намебошанд, ба адвокати соҳибихтисос оид ба муҳоҷират муроҷиат намоед.

| **Вариантҳои раводид** | |
|---|---|
| Вазъи F-1 ва J-1 барои донишҷӯён<br>• Вариантҳо барои тасдиқи сарбории коҳишдодаи курс бинобар сабаби ҳолатҳои тиббие, ки аз ҷониби духтури дорои иҷозатнома, духтури остеопатия ё равоншиноси дорои иҷозатнома тасдиқ шудааст<br>• Вариантҳо барои ва оқибатҳои хуруҷ аз барномаи таълимии худ<br>• Маълумот дар бораи бозгашт ба барномаи таълимӣ дар санаи дертар, агар донишҷӯ қарор диҳад, ки хориҷ шавад<br>• Вариантҳо ва оқибатҳои ҳамроҳӣ кардани зану шавҳар<br>• Маълумоти умумӣ дар бораи вариантҳо барои тағйир додани вазъи раводид.<br>• Маълумоти умумӣ дар бораи раводидҳои U ва T.<br>(Муроҷиат ба адвокати соҳибихтисос оид ба муҳоҷират)<br>• Муроҷиат ба адвокати соҳибихтисос | H-1B, O-1, E-3 ё TN барои коргарон<br>• Вариантҳо барои рухсатии меҳнатӣ бе музди меҳнат ва оқибатҳои вазъи муҳоҷиратии шумо<br>• Вариантҳо ва оқибатҳои ҳамроҳӣ кардани зану шавҳар<br>• Маълумоти умумӣ дар бораи вариантҳо барои тағйир додани вазъи раводид. Муроҷиат ба адвокати соҳибихтисос оид ба муҳоҷират<br>• Маълумоти умумӣ дар бораи раводидҳои U ва T.<br>(Муроҷиат ба адвокати соҳибихтисос оид ба муҳоҷират)<br>• Муроҷиат ба адвокати соҳибихтисос оид ба муҳоҷират<br>• Шахсоне, ки барои сукунати доимии ИМА муроҷиат кардаанд, мавриди баррасӣ қарор доранд (Грин Корт ҳанӯз тасдиқ нашудааст)<br>• Таъсири тарк кардани кори худ ба ариза барои сукунати доимии аз тарафи корфармо сарпарастишудаи мавриди баррасӣ қарор дошта;<br>• Муроҷиат ба адвокати соҳибихтисос |

**Адвокат оид ба муҳоҷират кист ва чӣ корро онҳо анҷом медиҳанд?**

Адвокатҳо оид ба муҳоҷират адвокатҳои дорои иҷозатнома мебошанд, ки мутахассиси соҳаи қонун дар бораи муҳоҷират мебошанд. Онҳо ҳамчун адвокати мизоҷ фаъолият мекунанд ва онҳоро дар идораҳои муҳоҷиратӣ, ҳам дар суд оид ба муҳоҷират ва ҳам ҳангоми ариза додан барои имтиёзҳои муҳоҷират, намояндагӣ карда метавонанд. Адвокат машварати умумӣ дода метавонад ва метавонад, ки вариантҳои муҳоҷиратро муҳокима намояд. Мисли ҳамаи адвокатҳо, адвокатҳо оид ба муҳоҷират низ барои риоя кардани талаботи касбии этикӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин барои махфӣ нигоҳ доштани муҳокимаҳои мизоҷ ӯҳдадор мебошанд.

**Аз куҷо адвокати маҳаллӣ оида ба муҳоҷиратро ёфта метавонам?**

| | |
|---|---|
| Хадамот оид ба Шаҳрвандӣ ва Муҳоҷирати ИМА (USCIS), бюрои Департаменти Амнияти Миллӣ (DHS) барои ёфтани намояндагии ҳуқуқии ройгон ё камарзиш мусоидат кардан, ду сайтро пешниҳод менамояд.<br><br>USCIS: Ёфтани кӯмак дар вебсаҳифаи ҷомеаи худ     USCIS: Ёфтани вебсаҳифаи хизматрасониҳои ҳуқуқӣ | |
| Шурои Шикоятҳои Муҳоҷиратӣ (BIA) як рӯйхати адвокатҳоро аз рӯи штатҳо пешниҳод менамояд, ки онҳо хизматрасониҳо оид ба муҳоҷиратро ба таври ройгон ё бо арзиши кам пешкаш мекунанд. | |
| Иттиҳоди Адвокатҳо оид ба Муҳоҷирати Америка (AILA) Хизматрасонии Муроҷиат ба Адвокатҳо оид ба Муҳоҷиратро ба таври онлайн пешниҳод мекунад, ки ба донишҷӯён ё олимон дар ҷустуҷӯи адвокат оид ба муҳоҷират ёрӣ мерасонад. | |
| Инчунин, Иттиҳоди Адвокатҳои Америка маълумот дар бораи ёфтани хизматрасониҳои ҳуқуқӣ аз рӯи штатҳоро пешниҳод мекунад. | |